**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№ 14**

**аз 19 декабри соли 2008** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи татбиқи меъёрҳои қонунгузории мурофиавии граждани дар суди марҳилаи назоратӣ**

Бо назардошти он, ки ҳангоми аз ҷониби судҳо татбиқ намудани меъёрҳои боби 40 Кодекси мурофиавии гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суди марҳилаи назоратӣ, баъзе масъалаҳое ба миён меоянд, ки тавзеҳотро талаб мекунанд, бинобар ин бо дастрасии моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, -

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

Ба судҳо тавзеҳоти зерин дода шавад.

1.Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 365 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба санадҳои судӣ ба суди марҳилаи назоратӣ дар мӯҳлати як сол, аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани онҳо шикоят ва эътироз овардан мумкин аст.

Мӯҳлати яксолаи дар боло нишондодашуда, барои шикоят овардан аз болои санадҳои судӣ ба ҳамаи судҳои марҳилаи назоратӣ муқаррар карда шудааст. Пешниҳод намудани шикоят ё эътирози назоратӣ ба суди болоии марҳилаи назоратӣ, пас аз гирифтани таъинот дар бораи рад намудани ирсоли парванда барои моҳиятан баррасӣ намудани он дар суди марҳилаи назоратӣ, боиси аз нав ҳисоб кардани мӯҳлат шуда наметавонад.

Мутобиқи талаботи банди 3 моддаи 109 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни мӯҳлати мурофиавӣ бо солҳо моҳҳо ё рӯзҳо ба ҳисоб гирифта шуда, аз рӯзи дигари фаро расидани санаи тақвимӣ ё фаро расии ҳодиса, ки бо он оғози мӯҳлат муайян гардидааст, шурӯъ мешавад.

Аз ин рӯ, ҷараёни мӯҳлати яксолаи муқарраргардида аз рӯзи дигари пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани санадҳои судӣ ҳисоб карда шуда, дар санаи моҳи охирин мӯҳлати мазкур ба итмом мерасад. Дар мавриде, ки моҳи охирин чунин санаро надошта бошад, мӯҳлат дар рӯзи охирини ҳамин моҳ ба итмом мерасад. Агар рӯзи охирини мӯҳлати яксола ба рӯзи истироҳат рост ояд, он гоҳ хотима ёфтани мӯҳлат рӯзе ба ҳисоб меравад, ки баъди он рӯзи корӣ фаро мерасад.

Мувофиқи банди 3 моддаи 110 Кодекси мазкур, амалиёти мурофиавӣ, ки барои иҷрои он мӯҳлат муқаррар шудааст, метавонад то соати бисту чори рӯзи охирини мӯҳлат, анҷом дода шавад. Агар шикоят ё эътирози назоратӣ ба почта ё телеграф то соати бисту чори рӯзи охири мӯҳлат супорида шуда бошад, мӯҳлат гузаронидашуда ба ҳисоб намеравад.

Шикоят ё эътирози назоратӣ, агар бо гузаронидани мӯҳлати яксола ба суди марҳилаи назоратӣ пешниҳод шуда бошад, он гоҳ мутобиқи талаботи сархати 3 моддаи 369 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон он аз ҷониби судя ба шахси онро пешниҳоднамуда, бе баррасӣ баргардонида мешавад

Ҳангоми аз мӯҳлат зиёд баррасӣ намудани шикоят ё эътирози назоратӣ, ки то гузаштани мӯҳлати дар қисми 2 моддаи 365 КМГ ҶТ пешбинишуда ба суди марҳилаи назоратӣ ворид шудааст, шикоят ва эътирози назоратӣ тибқи муқаррароти боби 40 КМГ ҶТ аз ҷониби суди марҳилаи назоратӣ баррасӣ карда мешавад.

2. Мутобиқи талаботи қисми 2 моддаи 114 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ариза дар бораи барқарор намудани мӯҳлати мурофиавии гузаронидашуда, ба суде, ки дар он бояд амалиёти мурофиавӣ сурат гирад, пешниҳод карда мешавад. Бинобар ин масъалаи барқарор кардани

мӯҳлати гузаронидашудаи шикоят ё эътирози назоратӣ аз тарафи суди марҳилаи назоратӣ, ки ба он шикоят ё эътирози назоратӣ тибқи талаботи моддаи 366 КМГ ҶТ пешниҳод карда шудааст, баррасӣ карда мешавад.

Суд метавонад мӯҳлати гузаронидашудаи пешниҳоди шикояти назоратиро дар ҳолатҳои истисноӣ барқарор кунад. Нисбати шахсони воқеӣ ҳолатҳои узрнок бемории, ҳангоми дар сафари хизматӣ будан, ҳолати оҷизӣ ва ғайра, ки ба шахсияти аризадиҳанда тааллуқ доранд, шуда метавонанд.

Марбут ба ташкилотҳо бошад ҳолатҳои истисноӣ, аз ҷумла обхезӣ, заминҷунбӣ, сӯхтор ва дигар ҳолатҳои фавқулода, ки аз иродаи роҳбари ташкилоти мазкур ва (ё) кормандони он вобаста намебошанд ва саривақт пешниҳод намудани шикояти назоратиро истисно мекунанд, метавонанд эътироф карда шаванд.

Ҳангоми баррасии ариза ба судя лозим аст, ки дар таъинот асосҳои қарори қабулнамудаашро дарҷ намояд. Инчунин, бояд дар назар дошт, ки ариза дар бораи барқарор намудани мӯҳлати овардани шикоят дар сурати пайдошавии ҳолати дар боло зикргардида дар муддати на дертар аз як сол, пас аз рӯзи ба қувваи қонунӣ даромадани санади судии мавриди шикоят қароргирифта, қонеъ кунонида мешавад. Ҳолатҳои вобаста ба мурури мӯҳлати пешниҳод намудани шикоят ба тариқи назоратӣ, ки пас аз мӯҳлати яксола ба миён омадаанд, аҳамияти ҳуқуқӣ надошта, санҷида намешаванд.

3. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки агар парванда ба тариқи кассатсионӣ баррасӣ гардида бошад, он гоҳ аз болои санадҳои судӣ аз рӯи парвандаи мазкур ба тариқи назоратӣ на танҳо аз ҷониби шахсе, ки шикояти ӯ аз тарафи суди марҳилаи кассатсионӣ баррасӣ гардидааст, балки шахси дигари иштирокчии парванда, ки шикояти кассатсионӣ пешниҳод накардааст, ҳуқуқи ба тариқи назоратӣ шикоят оварданро дорад. Чунин ҳуқуқро шахсоне, ки дар баррасии парванда иштирок накардаанд, вале ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо бо санади судии ба қувваи қонунӣ даромада вайрон карда шудааст, низ доро мебошад.

4. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ додааст, ки бо мақсади таъмини ягонагии таҷрибаи судӣ ва қонуният барои аз нав дида баромадани санадҳои судӣ бо тартиби назоратӣ ба Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирози асоснок ирсол намояд. Бо ин мақсад, Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад парвандаро, ки санади судии аз рӯи он қабулшуда эътибори қонунӣ пайдо кардааст, бо дархости хаттӣ аз суди дахлдор талаб намояд.

Эътирози Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни қабули таъинот дар бораи ирсоли парванда ба марҳилаи назоратӣ, дар Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад.

5. Мувофиқи муқаррароти қисми 3 моддаи 365 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад, аз болои санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокардаи ҳамаи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирози назоратӣ пешниҳод намояд.

6. Дар ҳолати мавҷуд набудани асосҳои бе баррасӣ баргардонидани шикоят ё эътирози назоратӣ, судяи суди марҳилаи назоратӣ шикоят ё эътирозро қабул намуда, оид ба талаб карда гирифтани парванда аз суди дахлдор таъинот қабул мекунад.

Дар ҳолате, ки аз тарафи суди марҳилаи якум аризаи даъвогӣ бо ҳуҷҷати ба он ҳамроҳкардашуда ба аризадиҳанда баргардонида шуда бошад (масалан, пас аз беҳаракат монондан) ва аризадиҳанда бо шикоят ё эътирози назоратӣ ҳуҷҷатҳоро пешниҳод карда бошад, ин маводҳо мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Оид ба натиҷаи баррасии парванда, ки ба суди марҳилаи назоратӣ талаб карда гирифта шудааст ё оид ба натиҷаи баррасии маводҳои пешниҳодкардашудаи аризадиҳанда, судя оид ба рад намудан, ё оид ба ирсол намудани парванда ё мавод ба суди марҳилаи назоратӣ барои моҳиятан баррасӣ намудани шикоят ё эътирози назоратӣ таъинот қабул мекунад. Бо мактуб оид ба рад намудани ирсоли парванда ё маводҳо ҷиҳати моҳиятан баррасӣ намудани он ба суди марҳилаи назоратӣ ҷавоб гардонидан роҳ дода намешавад.

Агар дар шикоят ё эътирози пешниҳодшуда ё дар дигар дархост оиди боздоштани иҷрои санади суди хоҳиш зикр гардида бошад, ҳангоми талаб карда гирифтани парванда судя ҳуқуқ дорад иҷрои санади судиро то хотимаи мурофиа дар суди марҳилаи назоратӣ боздорад. Дар бораи боздоштани иҷрои санади судӣ таъинот бароварда мешавад.

Бояд қайд кард, ки судя ҳуқуқ надорад баъди қабули таъинот оиди рад намудан ё ирсол намудани парванда ба суди марҳилаи назоратӣ барои моҳиятан баррасӣ намудани шикоят ё эътирози назоратӣ, масъалаи боздоштани иҷрои санади судиро муҳокима ва ҳал намояд.

7. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳуҷҷатҳои ба шикояти назоратӣ замимагардидае, ки ба суди марҳилаи якум пешниҳод шуда буданд, аммо онҳо аз ҷониби суди марҳилаи якум ва дар ҳолатҳои муайян аз ҷониби суди марҳилаи кассатсионӣ мавриди таҳлил ва муҳокима қарор нагирифтаанд, ҳангоми баррасӣ ва қабули қарор оиди шикояти назоратӣ ба инобат гирифта мешаванд.

8. Азбаски суди марҳилаи назоратӣ ҳуқуқ дорад санади суди марҳилаи якум, кассатсионӣ ва ё назоратиро бо он асос, ки парванда бо ба таври ҷиддӣ вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқҳои моддӣ ва мурофиавӣ баррасӣ карда шудааст бекор кунад ё тағир диҳад, бинобар ин судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ дар ҳолатҳое, ки агар суд қонунро нодуруст маънидод карда бошад, ё қонунеро, ки бояд татбиқ гардад, татбиқ накарда бошад, ё суд қонунеро татбиқ намуда бошад, ки набояд татбиқ гардад, вайронкардашуда ба ҳисоб меравад.

Меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ бошад, дар ҳолатҳое вайронкардашуда ба ҳисоб мераванд, ки агар суд парвандаро бо ҳайати ғайриқонунӣ баррасӣ карда бошад, парванда ҳангоми ҳозир набудани яке аз шахсони иштирокчии парванда, ки оид ба вақт ва маҳалли гузаронидани маҷлиси судӣ огоҳ карда нашудааст, баррасӣ карда шуда бошад, суд масъаларо оид ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсоне ҳал карда бошад, ки барои иштирок ба муҳокимаи парванда ҷалб нашудаанд, ҳалномаро судя имзо накарда бошад ё ҳалномаро на ҳамон судя ё судҳо имзо карда бошанд, ки дар ҳалнома зикр шудаанд, ҳангоми баррасии парванда қоидаҳои оид ба забони мурофиаи судӣ риоя нагардида бошанд, ҳалномаро на он судяҳое қабул карда бошанд, ки ба ҳайати суди парвандаро баррасинамуда дохил буданд, дар парванда протоколи маҷлиси судӣ мавҷуд набошад ё ҳангоми баровардани ҳалнома қоидаҳои махфияти машварати судӣ риоя нагардида бошанд.

9. Суди марҳилаи назоратӣ қонунӣ будани санадҳои судиро дар қисми шикоятнашуда, инчунин қонунӣ будани санадҳои судие, ки аз болои онҳо шикоят оварда нашудаанд, намесанҷад.

Ҳамзамон, агар қисми санаде, ки нисбати он шикоят оварда шудааст бо қисми дигари он, ки аз ҷониби аризадиҳанда шикоят карда нашудааст вобастагӣ дошта бошад, он гоҳ санад дар ин қисм бояд аз тарафи суди марҳилаи назоратӣ новобаста аз хоҳиши шахси шикоят пешниҳоднамуда, санҷида баромада шавад.

10. Бо назардошти он, ки Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои шикоят оварданро аз болои фармони судӣ ба тариқи кассатсионӣ пешбинӣ нанамудааст, қарздор метавонад аз болои он ба суди марҳилаи назоратӣ дар доираи мӯҳлати бо қисми 2 моддаи 365 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида шикоят биёрад.

11. Судҳо бояд ба инобат гиранд, ки мувофиқи муқаррароти қисми 7 моддаи 375 КМГ ҶТ шахсе, ки шикояти назоратӣ пешниҳод кардааст, ҳуқуқ дорад бо риояи тартиби муқарраркардаи моддаи 334 ҳамин Кодекс дар шакли хаттӣ ба суди марҳилаи назоратӣ то қабул намудани қарори дахлдори судӣ муроҷиат карда, аз шикоят даст кашанд. Прокуроре, ки эътирози назоратӣ овардааст, ҳуқуқ дорад то оғози маҷлиси судӣ онро бозхонд намояд. Оиди бозхонд намудани эътирози назоратӣ шахсони иштирокчии парванда хабардор карда мешаванд.

Дар бораи қабули ариза оиди даст кашидан аз шикоят ва бозхонди эътироз суди марҳилаи назоратӣ таъинот қабул мекунад, ки мутобиқи он баррасии назоратӣ қатъ мегардад, агар нисбат ба санадҳои судӣ дигар шахсон шикоят ва эътирози назоратӣ пешниҳод накарда бошанд.

12. Бинобар қабули Қарори мазкур Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 1995, №4 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо ба тариқи назоратӣ баррасӣ намудани парвандаҳои гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» беэътибор дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н. Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. Саидов**